**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи "**Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика**)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таълимоти касбӣ, **13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ)**

Дар шароити имрӯзаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи асосии низоми таҳсилот тарбияи шахсияти соҳибсаводи зудҳаракате мебошад, ки барои мустақилона ба даст овардани донишҳои назариявӣ ва азхудкунии маҳорати амалӣ қобилият дорад. Дар марҳалаи муосири низоми таҳсилот яке аз мушкилоти мубрами навсозии мундариҷаи таълим ин гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ мебошад, ки ба навсозии мундариҷаи таълим дар соҳаи математика равона карда шудаанд.

Ҳадафи асосӣ аз иқдомоти зикршуда ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии ҷомеа, рушди салоҳиятнокии касбии омӯзгорони математика тавасути ҳамгироии фанҳо ба шумор меравад. Дар шароити муосир омӯзгоре зарур аст, ки эҷодкорона андеша меронад ва босалоҳият аст, барои амалӣ кардани фаъолияти касбии гуногунҷиҳат, густурда ва иҷтимоӣ қобилият дорад; хушодоб ва дорои ҳисси эмпатия буда, дар муносибат бо хонандагон таҳаммулпазир аст; ҳамеша барои худинкишоф кӯшиш намуда, ҳамчун шахсияти ҳадафманд ва босалоҳият тарбия ёбад.

Бинобар ин, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар марҳилаи муосири рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам будани он далолат медиҳад. Рисолаи мазкурро бо тозагии мавзӯи тадқиқотии хеш метавон як кори муҳими самти баррасии муаммои муҳими педагогӣ – ташаккул ва рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанни

математика ва физика) дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ, марҳалаҳо ва методҳои таҳқиқот таъйин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, **боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот,** нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои назариявии ташаккули салоҳияти омӯзгори фанни математика» асосҳои назариявии салоҳиятнокии касбии омӯзгори фанни математика тавассути ҳамгироии фанҳо барои такмили салоҳиятҳои асосии омӯзгори фанни математика оварда .шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия “Таҳқиқоти экспериментали ва арзёбии самаранокии методологияи таҳияшуда барои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори математика тавассути интегронӣ” ишора карда мешавад, ки таҳлили хусусиятҳо ва моҳияти ташаккул ва рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорони оянда математика тавассути ҳамгироии фанҳо нишон дода шудааст, ки натиҷабахшии ташаккули он ба рушди ташаккули омӯзгори оянда вобаста мебошад.

Таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишии аз ҷониби муаллиф анҷомдодашуда аз рӯи мавзӯи рисола, фарзияи ташаккулёфтаро тасдиқ намуданд ва имкон доданд, ки хулоса ва тавсияҳои зерин таҳия карда шаванд:

Диссертант бо истифода аз тарзҳои тадқиқотӣ системаи маводи фактологиро таҳлил намуда, натиҷаҳои зарурири ба даст овардааст.

Маводи таҳқиқот муаллиф аз 28 мақола ба чоп расонида шудааст, ки 7 тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастури таълимӣ – методӣ дар мавзӯи

“Физические основы понятия высшей математики и методика их изучения” нашр шуда, мазмуну мӯҳтавои диссертатсияро дар бар мегирад.

Диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи “Рушди салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)” дар пояи илмӣ-назариявӣ таълиф гардида, дар маҷмӯъ кори пурраи ба анҷом расида ҳисобида шуда ба аҳамияти илмӣ ва амалӣ соҳиб мебошад.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфид аст:

1. Дар диссертатсия тадқиқотҳои мушаххаси олимони ватанӣ оид ба мавзӯъ камтар ба назар мерасанд.
2. Дар матни рисолаи лиссертатсионӣ баъзе хатогиҳои техникиву имловӣ вомехӯранд.

Бояд қайд карда, ки камбудиҳои ошкорзода ба мазмуну мӯҳтаво ва аслияти рисолаи диссертатсионӣ таъсир намерасонад ва арзиши илмии онро инкор намекунанд.

Рисолаи диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

Дар умум, диссертатсияи Шарипов Ф.А. кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи «Низомнома оид ба тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» – и КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва рисола ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод карда мешавад.

Диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи “Рушди салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)” дар асоси коркарди илмӣ-назариявӣ таълиф гардида, дар маҷмӯъ кори пурраи ба анҷом расида ҳисобида шуда ба аҳамияти илмӣ ва амалӣ соҳиб мебошад.

Ҳамчун роҳбари илмӣ боварӣ дорам, ки тадқиқоти мазкур ҷавобгӯи Комиссияи олии аттестатсионии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, таълифи таҳқиқот ба дараҷаи номзади илми педагогӣ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 –Назария ва методикаи таълимоти касбӣ сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагога ,**
**профессори кафедраи методикаи таълими**
**физикаи МДТ- и «Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров»:** **Файзиев И.Д.**

**«Имзои И.Д. Файзиевро тасдиқ менамоям».**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.**